**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони**
**Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 28 саҳ.)**

Дар шароити имрӯза ва ҷаҳонишавии ҳуқуқ мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Парвиз Асадулло мубрамияти бештарро касб намудааст. Рисоланавис мубрамияти масъалаи мазкурро ба хубӣ дарк намуда, маҳдуднамоии ҳуқуқи инсонро ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ бармеояд, ки он фарогирандаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифодакунандаи вазифаҳое мебошанд, ки рисоланавис дар назди худ гузоштааст. Нуктаҳои илмии назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории миллӣ дар самти маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон мусоидат менамоянд.

Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бозгӯкунандаи онанд, ки унвонҷӯ масъалаи маҳдуднамоии ҳуқуқи инсонро натанҳо дар муҳити илми ватанӣ, балки берун аз он низ мавриди баррасӣ қарор дода,

дар чандин конференсия ва хонишҳои сатҳи байналмилалӣ иштирок ва маъруза намудааст.

Як нуктаро бояд қайд намуд, ки рисолаи номзадии Исозода П.А. бо забони тоҷикӣ ва бо риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар сатҳи баланд омода карда шуда, усули навишт ва ибрози андеша барои дилхоҳ хонанда фаҳмо мебошад.

Натиҷа, хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби пажҳишгар манзур гардидаанд, бо дарназардошти таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида, инчунин, андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ сурат гирифтаанд, ки асоснокии онҳоро ифода менамоянд.

Диссертатсияи Исозода П.А. фарогирандаи феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Саҳми илмии довталаб дар он дида мешавад, рисолаи анҷомдодаи ӯ барои омӯзиш ва таҳкими минбаъдаи маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, ташаккули назарияи муосири ҳуқуқи инсон ва талаботи ташкили механизми самарабахши татбиқу таъмини онҳо дар Тоҷикистон мусоидат менамояд. Андешаҳое, ки дар рисола ба таври бевосита ва (ё) бавосита оварда шудаанд, барои ташаккули донишҳои умуминазариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионӣ дар соҳаи вазъи ҳуқуқии шахс хизмат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили низоми ҳуқуқии миллӣ дар алоқамандӣ бо дастовардҳои кишварҳои хориҷӣ, таҳкими арзишҳои демократӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон истифода шаванд. Арзиши амалии тадқиқот дар он дида мешавад, ки нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои онро метавон дар таҳияву таҷдиди меъёрҳои ҳуқуқии танзими маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон истифода намуд.

Маврид ба тазаккур аст, ки рисолаи илмӣ дар заминаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, низомнок, таркибӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва ғ. омода карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву тачдиди қонунгузории соҳаи мазкур, ҳамзамон омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, баҳри таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвончӯ 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Нисбат ба автореферати диссертатсия чунин эродро манзур менамоям.

Пажуҳишгар таъкид менамояд, ки маҳдудкунӣ «ин шартҳои кам намудани миқдори рафторҳои аз лиҳози ҳуқуқӣ ҷоиз, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ пешбинӣ гардидаанд, бо роҳи муқаррар намудани ҳудуд ва сарҳадоти мухталиф (дар шароити осоишта) ё ин ки муваққатан боз доштани имконияти амалисозии ҳуқуқҳои инсон дар шароити реҷаҳои махсус мебошад» (саҳ. 9). Вале, барои мо норавшан аст, ки муаллиф дар ин мафҳум чаро танҳо ду асосро дар назар дорад. Аз ин рӯ, мехостем оид ба масъалаи мазкур андешаи таҳқиқбарандаро шунида бошем.

Аммо эроди мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр, дар маҷмӯъ хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи илмии омоданамудаи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст,

ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

**мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва**
**ҳуқуқшиносии муқоисавии**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Н. Хусрав,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Аминҷонов А.Х.**

**Имзои А.Х. Аминҷоновро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи**
**давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав** **Шукурзод Ҷ.А.**
**«_7_» ___04___ соли 2023**